| 24.Финансирование для проведения научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ за счет бюджетных ассигнований | 1 | 106,6 | 106,9 | 106,8 | 107 | 106,9 | 106,8 | 106,9 | 107 |
| 25.Трудовые ресурсы | 1 | 101,7 | 101,7 | 101,8 | 101,8 | 101,9 | 101,9 | 102 | 102 |
| 26.Занятость населения | 1 | 101,1 | 101,1 | 101,8 | 101,8 | 102 | 101,8 | 102 | 101,9 |
| 27.Занятость населения в туристической отрасли (в %) | 1 | 111,1 | 112,9 | 115,3 | 118,1 | 121,5 | 125,6 | 129,4 | 134,4 |

***Источник:*** Составлено автором на основании прогноза Министерства финансов Республики Таджикистан по макроэкономическим показателям.

Следует отметить, что показатели прогнозирования для достижения устойчивого развития в туристической индустрии являются стабильными с точки зрения социально-экономических аспектов.

Проведенное исследование показало, что концепция "устойчивого развития" в туристической отрасли способствует развитию экономики Таджикистана, созданию новых рабочих мест и улучшению качества жизни населения. Эти вопросы рассматриваются как ключевые при формировании стратегии устойчивого развития в туризме.

На основе исследования был предложен ряд организационных аспектов, направленных на совершенствование системы управления государственной поддержки устойчивого развития в туризме.

# I. ОСНОВНЫЕ ВЫВОДЫ И ПРЕДЛОЖЕНИЯ ЗАКЛЮЧЕНИЕ

## А) Основные научные результаты диссертации.

1. Путем обобщения научных определений, выдвинутой гипотезе и анализа научной литературы представлено авторское определение понятия «устойчивое развитие» туризма в следующей формулировке: «управление устойчивым развитием туризма с учетом экологических факторов и вовлечением местных органов власти в развитии принципов устойчивого развития туризма», в интересах местного сообщества, которое в итоге должно обеспечить защиту природных ресурсов и социально-экономические выгоды местному населению в условиях пребывания туристов, соответствующего «международному стандарту» **[1-А, 15-А]**

2. Необходимость помощи в управлении государством с учетом концепции «устойчивого развития» в туризме чрезвычайно очевидна: преимущества, которые она приносит как отдельным лицам, так и экономике государства и целым регионам, не вызывают сомнений. Однако, концепция управления устойчивым развитием в развивающихся странах имеет свои плюсы и минусы, а также такие уникальные черты, как нахождение баланса между экономическим, социальным и экологическими факторами. Стоит отметить, что местные органы власти играют важнейшую роль по обеспечению управления и реализации концепции управления устойчивым развитием туризма в регионах **[2-А, 11-А, 12-А]** .

3. Создавая национальный туристический продукт, был сделан вывод, что у Таджикистана есть все ресурсы для продвижения республики как места для активного отдыха. Был проведен анализ туристической отрасли и туристического потенциала Республики Таджикистан и выявлено, что имеется существенный рост по основным показателям за 2018–2022 года, а также увеличение количества туристических объектов, связанных с туристическим сектором. Было подчеркнуто, что необходимо активно развивать горный и экстремальные виды туризма, событийно и культурно-исторический туризм, курортно-рекреационный туризм в Республике Таджикистан. **[3-А]**

4. Одним из важнейших направлений управления устойчивым развитием является развитие горного и экстремальных, событийных и культурно-

исторических туров, курортно-рекреационного, а также экологического туризма в Республике Таджикистан, как фактор продвижения в массы идей и методов по сохранности природы Республики.

Следует отметить, что успех в развитии экотуризма в стране связан с использованием естественных ресурсов, а также с богатым историческим опытом, который поможет стране достичь нынешнего уровня развития. Благодаря этому была создана возможность для удовлетворения спроса туристов на активный отдых и спортивные мероприятия **[5-А, 8-А, 10-А]**.

5. Более значимое влияние в диссертации имеет изучение «Стратегии развития туризма в РТ на период до 2030 года». Основным ее посылом служит идея о внедрении принципов туристического «УР» в государстве, что достижимо за счет ряда факторов, упомянутых и подробно раскрытых в исследованиях, так и в самой Стратегии **[4-А, 13-А].**

6. На основе обзора научной литературы были разработаны три модели устойчивого развития туризма: социально-экономическая, экологическая и экономико-экологическая модель.

Определены основные показатели и параметры социально-экономической модели. Была предложена социально – экономическая модель управления устойчивым развитием на основании прогноза Министерства финансов Республики по макроэкономическим показателям;

- смоделировано сценарное развитие на основе социально экономических показателей развития;
- выявлено, что данная модель развития имеет стабильный рост.

На основании этого, были внесены ряд организационных мер по совершенствованию управления устойчивым развитием туризма в нынешних условиях. Все эти критерии были предложены для изучения международного опыта, позволяющего совершенствовать систему государственной поддержки развития туризма в социально-экономическом разрезе **[6-А]** .

**Б) Рекомендации по практическому использованию результатов работы.**

- совершенствование всех форм и видов инфраструктуры, содействующие развитию туризма (дорог, транспорт, ресторан, гостиниц, здравоохранение, образование, информационное обеспечение и так далее) во всех регионах республики;
- разработать маркетинговую стратегию с указанием конкурентных преимуществ Таджикистана в развитие туристической индустрии (планирование, реклама, продвижение туристических продуктов);
- мониторинг и введение инновационных разработок, использование качественного оборудования, разработка медикаментов в области здравоохранения в предоставлении туристических продуктов;
- стимулирование деятельности местных субъектов к предпринимательской деятельности в области предоставления туристических продуктов;
- рациональное внедрение налоговых и таможенных льгот для развития

предпринимательской деятельности в отраслях и сферах туризма, а также в его инфраструктурных объектах;

- расширение сферы развлекательной инфраструктуры в Таджикистане (кинотеатров, залов, ресторанов и иных центров развлечения), способствующие увеличению туристических посещений в Таджикистан, позволяющей размещение туристов в городах и районах республики;

- развитие культурного значения в туризме, поскольку местный колорит и культурно-досуговая программа в Таджикистане способствует привлечение внимание субъектов для посещения туристических объектов;

- создание эффективной рекламы туристических продуктов, адаптируя ее под особенности каждого региона, запросы потенциальных туристов;

- стимулирование развития внутреннего туризма, способствующие гостеприимству, изложенные в местных концепциях развития туризма и страны; вне зависимости от каких-то социальных факторов. Со стороны государственных органов, частных структур организовать программу развития внутреннего туризма.

- обеспечение льготных перелетов для туристов в Таджикистан, исходя из приоритетных направлений и класса туристов, принятие других иных мер. В перспективе, национальным организаторам перевозок экономить на систематических перелетах, но при этом оказывать услуги без потери качества;

- обеспечение сотрудничества между ВУЗами, государством и частным туристическим сектором, с целью изучения конкурентоспособности туристических направлений, приносящих прибыль в долгосрочной перспективе;

- проведение периодического анализа туристического рынка для внесения корректировок в соответствующие Программы и Стратегии;

- оказание поддержки туристическому бизнесу, который активно использует концепцию устойчивого развития. Особое требование для долгосрочной экономической устойчивости заключается в том, чтобы избегать культуры зависимости от финансовой помощи;

- введение дополнительных мер по предотвращению экологических нарушений, путем повышения штрафов и использование данных средств с целью устойчивого развития.

- качественное обслуживание туристов, что будет способствовать увеличению прибыли и рентабельности организаций, ведущих предпринимательскую деятельность в области туризма;

- проведение анализа полученного опыта и сопоставления его с новыми результатами по полученным программам в различных «секторах» программ и стратегий с конечной целью развития экономики государства.

В целом туризм для Таджикистана крайне актуален, и реализация выше отмеченных рекомендаций в сфере туризма способствует развитию экономики, улучшению производственной и социальной инфраструктуры.

## СПИСОК ПУБЛИКАЦИЙ СОИСКАТЕЛЯ УЧЕНОЙ СТЕПЕНИ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ.

### Статьи в рецензируемых изданиях:

**[1-А]. Сахибов Е.Н.** Основные формы и системы государственной поддержки устойчивого развития сферы туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 1. – С. 16-23.

**[2-А]. Сахибов Е.Н.** Современное состояние и развитие туризма в республике Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Журнал «Таджикистан и современный мир». –2021. – № 2 (74)- С.181-191.

**[3-А]. Сахибов Е.Н.** Теоретические и практические основы формирования устойчивого развития туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 130-137

**[4-А]. Сахибов Е.Н.** Формирование механизмов устойчивого развития туризма в условиях рынка на основе национальных стратегий Республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2021– № 6 –С. 140-149.

**[5-А]. Сахибов Е.Н.** Анализ основных направлений государственной поддержки туристической отрасли в Республике Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Журнал “Экономика Таджикистана”. – 2021 – № 4 – С.121-128

**[6-А]. Сахибов Е.Н.** Совершенствование управления социально-экономической модели устойчивым развитием туризма [Текст] / Е.Н. Сахибов // Журнал” Экономика Таджикистана”. 2022 г. – № 4-1 С.111-115

### В других изданиях:

**[7-А]. Сахибов Е.Н.** Туристский потенциал Таджикского участка Великого Шёлково пути [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Казахский Национальный Педагогический Университет Имени Абая Университет Джорджа Вашингтона Международный Исследовательский институт Туризма Акимат г. Алмата, Управление Туризма г. Алмата Материалы 1 Международной научно-практической конференции «Тенденции и перспективы развития туризма в Казахстане и центральной Азии» 14-15 марта 2019 г. ISBN 978-601-298-808-6 г.Алмата - 2019 г. С.338-341

**[8-А]. Сахибов Е.Н.** Становление и развитие теоретико-методологических основ устойчивого развития сфер экономики в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов // Материалы Международной научно-практической конференции “Использование современных методов управления в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан” Душанбе: РТСУ. — 26 ноября 2020 г. — С.305-307

**[9-А]. Сахибов Е.Н.** Анализ туристических ресурсов республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // В сборнике: Современная наука: актуальные вопросы, достижения и инновации. Сборник статей XXI Международной научно-практической конференции. Пенза, 2021. С. 287-293.

**[10-А]. Сахибов Е.Н.** Основные направления повышенной привлекательности в туристической отрасли Республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Сборник материалов IV международной научно-практической конференции «Развитие науки и практики в глобально меняющемся мире в условиях рисков» (шифр –МКРНП) 10 мая 2021г., г. Москва С.104-112

**[11-А]. Сахибов Е.Н.** Основные формы и системы государственной поддержки устойчивого развития в Республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Туризм как важный элемент устойчивого развития Таджикистана. Республиканская научно-практическая конференция Российско-таджикский (славянский) университет г. Душанбе – 26 ноября 2021 г. – С. 152-158.

**[12-А]. Сахибов Е.Н.** Основные аспекты устойчивого развития туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов // Актуальные научные исследования: сборник статей III Международной научно-практической конференции. В 2 частях, Пенза, 05 декабря 2021 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2021. – С. 59-61.

**[13-А]. Сахибов Е.Н.** Основные аспекты стратегии развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года [Текст] / Е.Н. Сахибов // Избранные вопросы науки XXI века: Сборник научных статей. – Москва: Издательство "Перо", 2021. – С. 70-73.

**[14-А]. Сахибов Е.Н.** Туризм в мировой и национальной экономике [Текст] / Е.Н. Сахибов // Финансово-кредитные и инвестиционные инструменты управления экономикой Таджикистана в условиях инновационного развития: Сборник научных статей. – г. Душанбе: Российско-Таджикский (Славянский) Университет – 2021 г. С.252-257

**[15-А]. Сахибов Е.Н.** Основные формы и системы совершенствования государственного управления устойчивым развитием туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов // Туризм и рекреация: инновации и ГИС-технологии : Материалы XIV Международной научно-практической конференции, Астрахань, 27–28 мая 2022 года / Составители: И.С. Шарова, Г.В. Крыжновская, М.М. Иолин. – Астрахань: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Астраханский государственный университет», 2022. – С. 88-92. – EDN RCULFC.

**ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН**

УДК 338.486 *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САХИБОВ ЕВГЕНИЙ НУРУЛЛОЕВИЧ**

# ТАКМИЛИ
# ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ САЙЁҲӢ
**(дар заминаи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент,
маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

**Душанбе – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Давлатзода Дилмурод Ашурбек,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**Муққаризони расмӣ:** **Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

**Ёров Ҷамшеда Нуруллоевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионии **6Д. КОА-004** дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 16 сентябри соли 2023, соати $12^{:00}$ баргузор мегардад. Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8, e-mail: shamsov1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 918788938.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _______________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Шамсов И.С.**

## Муқаддима

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар чанд даҳсолаи охир консепсияи идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар соҳаҳои гуногун маъруфияти васеъ пайдо намудааст. Консепсияи рушди устувор на танҳо ба даст овардани фоидаи молиявӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ, экологӣ, инчунин хусусияти иқтисодиро ба назар мегирад. Бояд қайд кард, ки такмили идоракунии рушди устувор имкон медиҳад, ки на танҳо ниёзҳои насли ҳозира, балки наслҳои оянда низ ба назар гирифта шавад. Дастовардҳои идоракунӣ баҳри рушди устувор асоси ташаккули иқтисодиёти миллии томи рақобатпазир мебошад, ин ба ҳама соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ дахл дорад. Соҳаи сайёҳӣ низоми иҷтимоию иқтисодии мураккаб буда, чанд ҷузъеро, аз қабили захираҳои инсонӣ, захираҳои табиӣ-рекреатсионӣ, ташкили намудҳои гуногуни фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ, омилҳои экологӣ ва бисёр омилҳои дигаре, ки ҳангоми фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ бояд ба назар гирифта шаванд, дар бар мегирад. Аз ин рӯ консепсияи идоракунии рушди устувор қодир аст ҳамаи талаботи иштирокчиёни бозорро қонеъ гардонад, зеро он бархе ҷанбаҳоро, ба монанди рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба назар гирифта пешбинӣ менамояд, ки ба захираҳо набояд зарару осебе расад, ҳамин тавр ҷанбаи экологӣ баррасӣ мегардад.

Гузариш ба рушди устувор зарурати муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи сайёҳӣ дар низоми омилҳои рушди устуворро ба миён меорад, ки ба аҳамияти рӯзафзуни сайёҳӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ вобаста аст.[2]

Дар солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои гуногуни таркибии консепсия барои рушди устувори дар стратегияҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшуда инъикос ёфтааст. Консепсияи рушди устувор дар рушди иқтисодӣ ба кор рафта, самаранокии худро дар амал нишон дод. Дар даҳсолаҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро фаъолона рушд медиҳад ва давлат дастгирии ҳамаҷонибаро дар рушди ин соҳа тавассути татбиқи барномаҳои гуногун, стратегияҳои консепсияи рушди саноати сайёҳӣ фароҳам меорад. Омӯзиши ин мавзуъ, ки ба таъмини рушди устувори саноати сайёҳӣ нигаронида шуда, ба самтҳои гуногуни сайёҳӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла саноати меҳмонхонадорӣ, самти осоишгоҳӣ-истироҳатгоҳӣ, таърихи рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон, инчунин ояндабинии рушди саноати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии рушди кишвар рабт дошта, замонавию саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти чунин вазъ, зарурияти омӯзиши муфассали консепсияи идоракунии рушди устувор дар сайёҳӣ, корбурди он дар рушду такмили соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад, ки боиси мавриди таҳқиқот қарор додани мавзуи мазкур гашт.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳлили адабиёти махсуси аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронидашуда имкон дод, муқаррар

[2]Усманова Т. Дж., Туризм в системе факторов устойчивого развития / Туризм как важный элемент устойчивого развития Таджикистана//Составители: Асророва З.И., Хасанов Р.Х.. – Душанбе: РТСУ. 2021. – С.201

карда шавад, ки равишҳои бунёдӣ арзёбӣ гашта, таҷрибаи назарраси амалӣ дар соҳаи идоракунии рушди устувори сайёҳӣ, ки дар асарҳои муҳаққиқони кишварҳои ватанию хориҷӣ инъикос ёфтаанд, андухта шавад.

Дар мамлакатҳои хориҷӣ масъалаҳои марбут ба омӯзиши рушди устувор дар асрҳои Айсанов Р.М., Алмухамедова О.А., Бринчук М.М., Водовод А.В., Дурович А.П., Карпова Г.А., Кукушкина А.В., Лапочкина Л.В., Максарова Е.М., Миркина Б.М., Писаревскӣ Е.Л., Раянов Ф.М., Сергеев А.С., Фадеева А.С., Хачмамук Р.В., Шимова О.С. ва дигарон тадқиқ карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба рушди устувор ва ҳам соҳаи сайёҳӣ дар асарҳои илмии: Амонова Д.С. Асророва З.И., Бабаджанов Р. М., Диловаров Р.Д., Ғаниев Т. Б., Дустбаев Ш., Ёров Дж.Н., Кадырова М.И., Кодиров Д.Б., Комилов С.Ҷ., Курбонов Ш.Я., Машокиров Дж.Н., Исайнов Х.Р., Мирсаидов А. Б., Мухаббатов Х.М., Низомова Т. Д., Обидов Ф.С., Одинаев Х.А., Сайфуллоев Н.Н., Сафаров У.А., Усманова Т. Дж., Хасанов Р.Х., Шамсов И.С. ва дигарон баррасӣ гаштаанд.

Аммо сарфи назар аз шумораи зиёди корҳои илмӣ дар ин мавзуъ, таҳқиқи масъалаҳои такмили идоракунии сайёҳӣ бо назардошти консепсияи рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Ҳамин тариқ, таҳияи низоми дастгирии идоракунии давлатии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти мавзуи мазкурро муайян менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - рушди асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар шароити амиқтар шудани муносибатҳои бозорӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Ҳадафҳои тадқиқот:**

- бо истифода аз таҳлили пешакии адабиёт ва таҳқиқотҳои пештара таҳқиқу таҳлил намудани ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули рушди устувор дар илму амалияи иқтисодии муосир ва дар асоси маълумоти бадастомада ифода намудани фарзия дар бораи робитаи байни рушди устувор ва сайёҳӣ;

- муайян намудани асосҳои илмии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар шароити муосир, инчунин асоснок намудани нақши давлат дар рушди соҳаи сайёҳӣ;

- ошкор намудани вазъи кунунии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар доираи татбиқи барномаҳои, ба рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон нигаронидашуда;

- баҳодиҳии имкониятҳои иқтидори сайёҳӣ ва захираҳои сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- асоснок намудани афзалиятҳои мушаххаси рушди соҳаи сайёҳӣ бо мақсади таъмини идоракунии рушди устувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- далелнок намудани механизмҳои афзалиятноки идоракунӣ ва дастгирии давлатии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия пешниҳодҳо оид ба такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла соҳаи хизматрасонӣ мебошад.

**Мавзу (предмет) -и таҳқиқот:** муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар рафти такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот:** фарзу тахминии чунин нуктае, ки агар дар соҳаи сайёҳӣ принсипҳои рушди устувор фаъолона ва мақсаднок татбиқ карда шаванд, ин боиси баланд шудани сатҳи устувории экологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ мегардад, ки дар навбати худ ба беҳбудии вазъи экологӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолии маҳаллӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва рушди мутавозини иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Усулҳои таҳқиқот**. Дар рафти тадқиқоти диссертатсия усулҳои таҳлилу синтези иқтисодӣ, арзёбии муқоисавии байналмилалӣ, таҳлили динамикӣ ва муқоисавии маълумотҳои оморӣ, инчунин моделсозии сенариявӣ истифода шудаанд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва методӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ, барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, маводи оморӣ ва таҳлилии Агентии давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои таҳлилии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, корхонаҳои сайёҳӣ, мушоҳидаҳои худи муаллиф ва захираҳои интернетӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навоварии илмии рисола** инкишофи минбаъдаи назарияи рушди устувор бо роҳи татбиқи равиши низомманд, кор карда баромадани тавсияҳои илман асоснок оид ба такмил додани идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар оянда мебошад.

Муқаррароти асосие, ки унсурҳои навоварӣ доранд, инҳоянд:

- мафҳумҳои назариявии «рушди устувор» аз нуқтаи назари сатҳҳои микро, макро ва мезо сохторбандӣ ва ташкил карда шудаанд, ки дар асоси онҳо муносибати муаллиф ба ошкор намудани моҳияти рушди устувори сайёҳӣ пешниҳод шудааст, ки тибқи он: «Рушди устувори сайёҳӣ - ин ривоҷу равнақи трендии торафт дар ҳар давра бештару бештар афзояндаи соҳаи сайёҳӣ бо ҳифзу бақои захираҳои табиию рекреатсионӣ, инчунин ҳамкории мутавозини ба таври оптималӣ омезишёбандаи ҷузъҳои таркибии экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ дар рушди саноати сайёҳӣ мебошад».

- зарурати иштироки фаъолонаи давлат дар таҳия ва татбиқи принсипҳои идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои мавҷуда асоснок карда шудааст. Самтҳои асосии таъсири давлат муайян карда шуданд, инҳо: таҳияи стратегияи ҳамгирошудаи сайёҳӣ, ки нигоҳдорӣ ва афзоиши базаи захираҳоро таъмин менамояд; оптималисозии шароити инфрасохторӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ; баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ва синергия (амали муштарак) байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

- дар асоси таҳқиқоту таҳлилҳои маълумот тамоюли афзоиши иқтидори сайёҳии Тоҷикистон, ки аз рӯйи меъёрҳо муайян карда мешавад, тасдиқ карда мешавад, аз ҷумла: афзоиши шумораи сайёҳон, сарватҳои нодири табиӣ ва даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ. Тарафҳои қавӣ ва заифи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудаанд. Ҷанбаҳои устуворе, ки манфиатҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунанд, аз гуногунрангии захираҳои рекреатсионӣ, фаровонии олами набототу ҳайвонот, манбаъҳои обҳои фоиданоки маъданӣ, меҳмоннавозии аҳолӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи давлат иборатанд. Ҷанбаҳои заиф, ки дар роҳи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, сифати нокифояи инфрасохтори сайёҳӣ, набудани маркетинги муассир, хидматрасонии маҳдуди бонкӣ ва нарасидани мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи сайёҳӣ мебошанд.

- бартариҳои рақобатпазиронаи Тоҷикистон дар робита ба рушди устувори сайёҳӣ асоснок карда шуд, ки аз инҳо иборатанд: - суботи устувори сиёсӣ, - қадимтарин мероси таърихии ба феҳристи ЮНЕСКО шомилшуда (Саразм, қалъаи Хуҷанд, шаҳри бостонии Қарой (ВМКБ), маҷмааи буддоӣ). , қалъаи Ҳулбук, Ямчун, «Муғ-теппа», «Тахти сангин», «Аҷина-теппа», «Қалъаи Ҳисор» ва ғайра); - табиати нотакрор барои сайёҳии экологӣ (кӯли «Сарез», чашмаҳои «Биби-Фотима», «Гармчашма», «Хоҷа-оби гарм», «Чилучорчашма», Боғи ботаникии Хоруғ, водии Чилдухтарон, кӯҳи Хоҷа-Мӯъмин, кӯҳҳои Фон, пуштаи Музкӯл ва ғайра);

- собит шудааст, ки асоси идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ, рушди мутавозини динамикии сайёҳии экологӣ, кӯҳӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, истироҳатгоҳӣ ва рекреатсионӣ зарур мебошад. Аҳамияти байни онҳо бартаридоштаи сайёҳии экологӣ аз лиҳози нигоҳ доштани ҷузъҳои нодири олами ҳайвонот ва наботот барои наслҳои оянда, аз ҷумла саршумори бузи кӯҳии «Морхур», муфлони Осиёи Марказӣ, хирси бӯр  (малла), бабри барфӣ, ҷайрон, ғози кӯҳӣ, архари помирӣ, тазарви зарафшонӣ, бешаҳои камдарахти писта, бешаҳои паҳнбарг, анбӯҳи дарахтони арча ва ғ.;

- механизмҳои афзалиятноки навсозии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ барои оянда пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: - ташкили фаъолияти маркетингӣ барои пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ; – тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, ки дар сохаи сайёҳӣ кор мекунанд; - таъмини амнияти сайёҳон; таъмини ҳамкории давлат ва бахши хусусии;  - низоми дастгирии давлатии ҷалби сайёҳон (раводидҳо, фурудгоҳ, нақлиёт, роҳ) ва сайёҳии дохилӣ; - васеъ намудани имкониятҳои сайёҳии экологӣ;

- тадбирҳо оид ба такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии эҳтиёҷот бо бехатарии экологии ҳудудҳо таҳия гардиданд, аз ҷумла: мавқеъгирии маҳсулоти сайёҳӣ аз рӯйи минтақаҳо; ташаккули симои сайёҳӣ, брендҳо; баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии минтақаҳои сайёҳӣ тавассути чорабиниҳои махсуси иҷтимоӣ; беҳтар намудани сифати маҳсулоти сайёҳӣ ва мониторинги доимии ҳолати онҳо.

**Нуктаҳои асосӣ барои ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- мафҳумҳои назариявии «рушди устувор» аз нуқтаи назари сатҳҳои микро, макро ва мезо омӯхта шуда, дар асоси онҳо бархӯрди муаллиф ба ошкор намудани моҳияти рушди устувори сайёҳӣ таҳия гардид;

- зарурати иштироки фаъолонаи давлат дар таҳия ва татбиқи принсипҳои идоракунии рушди устувори сайёҳӣ асоснок карда шуда, самти таъсири он муайян карда мешавад;

- тамоюлҳои афзоиши иқтидори сайёҳии Тоҷикистон, инчунин ҷанбаҳои қавӣ ва сусти рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон собит карда шуданд;

- бартариҳои рақобатӣ дар робита ба рушди устувори сайёҳӣ, ки аҳамияти дар иқтисодиёти Тоҷикистон калон доранд, асоснок карда шуданд;

- ҷанбаҳои асосии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ исбот гардида, аҳамияти бартаридоштаи сайёҳии экологӣ дар кишвар далелнок карда шудааст;

- механизмҳои афзалиятноки навсозии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ барои оянда пешниҳод карда шудаанд;

- тадбирҳо оид ба такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии ниёзҳои амнияти экологии ҳудудҳо таҳия карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки омӯзиши масъалаҳои низоми дастгирии давлатии идоракунии рушди устувор дар соҳаи сайёҳӣ дар шароити бозор, муайян намудани мушкилот ва ҳалли самараноки онҳо дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ, саноати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Тадқиқотҳое, ки дар натиҷаи такмили самтҳои асосии низоми дастгирии давлатии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, метавонанд мавриди муҳокимаи олимону мутахассисони соҳаи рушди сайёҳӣ қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд ҳангоми қабули қарорҳои дахлдор аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба идоракунии рушди устувор ва бахши сайёҳӣ, менеҷмент дар ҳама сатҳҳои марбут ба фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ ва такмили идоракунии объектҳои сайёҳӣ бо дарназардошти консепсияи рушди устувори сайёҳӣ истифода шаванд.

Муқаррароти илмӣ ва хулосаҳои амалие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, нақшаҳо ва барномаҳои фанҳои таълимии вобаста ба тайёр кардани мутахассисони ихтисосҳои иқтисодӣ барои пӯшонидани норасоии кадрҳои баландихтисос дар воҳидҳои сохторӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (формула ва соҳаи таҳсил).** Соҳаи таҳқиқ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мувофиқ аст: 10.29. Рушди назариявӣ ва методологии асосҳои бахши сайёҳӣ дар самти иқтисодиёт ва идоракунӣ. 10.30. Танзими давлатӣ ва дастгирии фаъолияти корхонаҳо, ташкилот ва комплексҳо дар бахши сайёҳӣ. 10.31. Таносуби бозорӣ ва танзимнамоии давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва комплексҳои бахши сайёҳӣ. 10.32. Мукаммалгардонии ташкили шаклҳои идоракунии бахши сайёҳии сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дар шароити бозор.

**Саҳми шахсии довталаб** дар гузориши маҷмуъии ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ифода мегардад, аз он ҷумла: дар гузаронидани тадқиқоти назариявӣ, ҷамъоварии маълумот, таҳияи он, сохторбандии он, таҳияи шарҳҳо, таҳлил ва ба низом даровардани давраҳои таҳқиқот оид ба ин мавзуъ, дар таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии дастгирии давлатӣ дар ташаккули модели идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо истифодаи мақсаднок ва саҳеҳи маълумоти омори расмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, миқдори зиёди иттилооти ибтидоии истифодашуда, ки имкон дод, оид ба такмили самтҳои асосии низоми идоракунии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқот гузаронида шавад, собит мешавад.

**Тасвиб ва татбиқи амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсия дар бархе аз конфронсҳои илмӣ-амалӣ баррасӣ гардида, баҳои мусбӣ гирифтанд, аз ҷумла: Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Рушди илм ва амалия дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳонӣ Ҷаҳон зери хатарҳо», Москва (код – MKRNP) (10 майи соли 2021), конфронси байналмилалии илмию амалии «Илмҳои муосир: Масъалаҳои актуалӣ, дастовардҳо ва инноватсияҳо» Пенза (05 сентябри соли 2021), Конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии «Туризм ҳамчун унсури муҳими рушди устувори Тоҷикистон» Донишгоҳи (славянӣ) Тоҷикистону Русия. (Душанбе, 26 ноябри соли 2021), Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Таҳқиқоти илмии воқеӣ» (5 декабри соли 2021, ш. Пенза), Конфронси XIV байналмилалии илмӣ-амалии «Туризм ва рекреатсия: инноватсияҳо ва технологияҳои GIS» (27-28 майи соли 2022, ш. Астрахан).

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ борҳо дар семинарҳои илмии кафедраи менеҷмент ва маркетинг, кафедраи сайёҳӣ ва хизматрасонии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муаррифӣ шудаанд. Тавсияҳо оид ба такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар фаъолияти амалии ҶДММ «Маркази сайёҳӣ ва саломатӣ» ҷорӣ карда шуданд, ки бо санади дахлдори татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия тасдиқ карда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии рисола дар 15 мақола бо ҳаҷми умумии 6,30 ҷ.ч., аз он ҷумла 6 адад маколаҳои илмии дар

маҷаллаҳо, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст, нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷм**. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 195 саҳифаи матни компютерӣ ташкил дода, шомили 14 ҷадвал, 15 расм, 7 диаграмма ва 1 замима мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** асосноккунии мавзуи мавриди омӯзиш ва дараҷаи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада ифода карда мешавад.

**Боби якум «Асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар шароити бозор»** ном дошта, дар он консепсияи идоракунии «рушди устувор» дар шароити мавҷудияти муносибатҳои бозорӣ баррасӣ гашта, таърифи истилоҳи «рушди устувор» ва фарқи он аз мафҳуми «устуворӣ» ҳамчун равиши самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ барои ноил шудан ба тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ дақиқ карда шудаанд. Истилоҳоту мафҳумҳои марбут ба консепсияи рушди устувор баррасӣ мешаванд. Ташаккул ва нақши рушди устувор дар тӯли таърихи зимни рушди иқтисодиёт ва ҷомеаи иҷтимоӣ, инчунин тағйирот дар консепсияи он таҳлил шуданд. Рӯйдодҳои асосие, ки ба ташаккули ғояи рушди устувор таъсир расониданд, баррасӣ карда мешаванд. Маводҳои эъломияҳо ва конференсияҳои илмӣ, ки ба омӯзиши рушди устувор дар робитаи мутақобил бо пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, масъулият барои муҳити зист бахшида шудаанд, омӯхта шуданд. Омилҳое, ки ба рушди устувор таъсир мерасонанд, ба монанди рушди иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоӣ ва омили экологӣ муайян карда мешаванд. Мақсаду асосҳои назариявии консепсияи рушди устувор, ки иддаои нақши нуқтаи назари пешбарандаро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ доранд, таҳлил мегардад. Дар бораи таъсири рушди устувор ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ ва оқибатҳои мушкилоти иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ хулосаҳо мухтасар ифода карда мешаванд (расми 1).




**Расми 1. Қисмҳои таркибии рушди устувор***

***Сарчашма:*** Мясникова А.С. Цели устойчивого развитии. ИННОВАТИКА 2019/Сборник материалов XV Международной школы-конференции студентов, аспирантов и молодых ученых - 2019 г. С.136

Қайд карда мешавад, ки то соли 2023 мафҳуми яксони рушди устувор дар соҳаи сайёҳӣ вуҷуд надорад, зеро худи мафҳуми «рушди устувор» маънои ягона надорад. Мафҳумҳои мавҷуда дараҷаи ниҳоии парокандагӣ доранд ва номутобиқатӣ ба вуҷуд меоранд, аммо дар маҷмуъ манзур аз консепсияи идоракунии рушди устувори сайёҳӣ он аст, ки фаъолияти иқтисодӣ на танҳо ба гирифтани ҳама гуна фоида аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ дар як муддати кӯтоҳ, балки тамоюли асосӣ дар ин масъала бояд ба харочоти дарозмуддати ҷамъият намуда шавад.

Таҳлили пурраи консепсияи идоракунии рушди устувори сайёҳӣ нишон дод, ки он ба принсипҳои ҳифзи муҳити зист, сифати ҳаёт ва талаботи аҳолӣ риоя мекунад. Ба маънои глобалӣ, идоракунии рушди устувори сайёҳӣ бояд мушкилоти марказии ҷаҳонро ҳал кунад, масалан, мубориза бо камбизоатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, таназзули муҳити зист, ғамхорӣ дар бораи афзоиши урбанизатсия, паст кардани сатҳи таваррум, бекорӣ ва ғайра. Муносибат ба идоракунии рушди устувори сайёҳӣ метавонад аз паҳлӯҳои гуногун ва дар асоси андешаҳои гуногун омӯхта шавад, идоракунии рушди устувор бошад, метавонад аз ҷиҳати моддӣ ё маънавӣ арзёбӣ карда шавад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳадафи асосии консепсияи идоракунии рушди устувори сайёҳӣ ноил шудан ба ҳамкории мутақобилаи оптималии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ-технологӣ мебошад. Сатҳи кофии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ танҳо бо афзоиши бемамонияти низомҳои дар боло зикршуда имконпазир аст (расми 2).




**Расми 2. Стратегияи «рушди устувор» дар ширкатҳо***

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Зарурати идоракунии рушди устувори сайёҳӣ хусусияти шаффофӣ дорад. Афзалиятҳое, ки вай ба давлат ва шахсони алоҳида медиҳад, комилан равшан аст. Бо вуҷуди ин, сайёҳӣ ҳамчун як соҳа он қадар сода нест. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад дар роҳбарӣ ва рушди ҷавононе, ки мехоҳанд дар бахши сайёҳӣ кор кунанд, нақши муҳим бозанд.

Нақши давлатро дар идоракунии рушди устувори сайёҳӣ метавон дар якчанд нуктаҳои асосӣ ҷамъбаст кард, аз ҷумла:

а) барои амалӣ намудани худи консепсияи идоракунии рушди устувор дар сайёҳӣ мусоидат мекунад;

б) ба мақомоти маҳаллӣ барои халли проблемаҳои соҳаи дахлдор ҳиссаи зарурии масъулиятро медиҳад;

в) мақомоти дар банди «б» зикргардида қобилияти таъсиррасонӣ ба барномаҳои марбут ба рушди устувори сайёҳиро пайдо мекунанд;

г) давлат дар якҷоягӣ бо мақомоти маҳаллӣ стратегияҳои марбут ба рушди устувори сайёҳӣ дар минтақаҳоро роҳбарӣ намуда, дар таҳияи нақшаҳо ва санадҳои меъёрии муайян иштирок мекунад;

д) давлат дар мусоидат ба рушди байналмиллалии падидаи мавриди назар нақш мебозад;

е) нақши аҳолии бумӣ дар банақшагирии консепсияи рушди устувори сайёҳӣ меафзояд.

Дар асоси баррасии адабиёти илмӣ таърифи муаллифии мафҳуми «рушди устувор дар сайёҳӣ» дода шудааст.

**Боби дуюм «Вазъи кунунии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»:** рушди сайёҳӣ дар давлат бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин барномаҳое, ки дар амал ба ноил шудан ба ҳадафҳои сайёҳӣ мусоидат мекунанд, дастгирӣ карда мешавад. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар боби мазкур номбар ва муфассал таҳлил карда шуданд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои асосии Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030***

| Намудҳо | Соли | Соли | Афзоиш | Соли | Афзоиш | Соли | Афзоиш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | 2017 | 2020 | (бо %) | 2025 | (бо %) | 2030 | (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи сайёҳоне, ки ба кишвар меоянд (ҳаз. нафар) | 430,9 | 1000,0 | 132,07 | 1600,0 | 60 | 2500,0 | 56,25 |
| Саҳми сайёҳӣ дар ММД (ба ҳисоби %) | 1,2 | 5,0 | 316,66 | 6,5 | 30 | 8,0 | 23,07 |
| Саҳми сайёҳӣ дар содирот (ба ҳисоби %) | 6,2 | 8,0 | 29,03 | 12,0 | 50 | 15,0 | 25 |
| Ҳиссаи сармоя дар соҳаи сайёҳӣ дар комплекси сармоягузорӣ (ба ҳисоби %) | 0,07 | 2,0 | 2757 | 5,0 | 150 | 10,0 | 100 |
| Ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷети давлатӣ (ба ҳисоби %) | 0,046 | 1,0 | 2073,9 | 1,6 | 60 | 3,0 | 87,5 |
| Миқёси хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ (млн. сомонӣ) | 1906,8 | 4425,0 | 132,06 | 7080,0 | 60 | 11862,6 | 67,55 |
| Шумораи субъектҳои ба қайд гирифташуда дар соҳаи истироҳат ва табобат хизматрасонӣ мекунанд | 230 | 300 | 30,43 | 410 | 36,66 | 500 | 21,95 |
| Шуғл дар соҳаи сайёҳӣ (ба ҳисоби %) | 0,6 | 2,0 | 233,33 | 5,0 | 150 | 10,0 | 100 |

***Сарчашма:** Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «1» августи соли 2018, №372 тасдиқ шудааст. URL: https://ctd.tj/sanadho/qonunho (санаи муроҷиат 27.02.2023)

Дар асоси гуфтаҳои боло, соҳаи сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле серталаб буда, танҳо бо дастгирии фаъолонаи давлатӣ, ки ба маркетинг, беҳбуди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва як қатор омилҳои дигар дахл дорад, дурнамо пайдо мекунад.

Дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор омилҳое мавҷуданд, ки дар замони муосир ба даст оварда шудаанд. Дар радифи асоситарини онҳо инҳоро метавон ном бурд: афзоиши рақобатпазирӣ, соддагардонии раванди гирифтани раводид бо мақсади ҷалби сайёҳон, фароҳам овардани шароити ҷолибтар ва сода дар робита ба додани иҷозатномаҳо барои сайёҳӣ ва фаъолияти меҳмонон. Низомҳои иртиботҳо байни субъектҳои соҳибкорӣ ва давлат, ки ба соҳаи сайёҳӣ алоқамананданд, низ зикр намудан бамаврид аст. Илова бар ин, барои пешбурди имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон ва таҷдиди стандартҳо дар меҳмонхонаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки хадамоти ҷойгиркунии сайёҳон пешниҳод мекунанд, тадбирҳо андешида шуданд (расми 3).




**Расми 3. Шумораи сайёҳони хориҷӣ ба сифати «сайёҳ» ба Ҷумҳури Тоҷикистон воридшуда (тибқи маълумоти Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ, ҳазор нафар, дар давраи аз соли 2018 то 2022) *.**

******Сарчашма***: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, соли 2022, С. 183

Дар асоси ин нишондод, аз соли 2018 то соли 2019 тамоюли болоравии воридшавии сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешуд, вале бинобар пандемияи COVID-19 дар солҳои 2020 ва 2021 воридшавии сайёҳон ба Ҷумҳурӣ коҳиш ёфт, лекин дар соли 2022 нишондиҳандаи воридшавии сайёҳон ба нишондоди пеш аз пандемия баробар шуд.

Дар асоси ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои асосии стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (ҷадвали 1) имкон дорад, ки ҷараёни воридшавии сайёҳони байналмилалиро ба Ҷумҳурӣ аз рӯйи солҳо то соли 2030 пешбинӣ карда шавад (расми 4).

Шумораи сайёҳон аз ҳадафҳои нишондиҳандаи «Теъдоди сайёҳони ба кишвар ташрифоварда, ҳазор нафар», ки дар Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудаст дар як сол зиёда аз 2,5 млн. нафар мебошад (расми 4).




**Расми 4. Пешгӯии воридшавии сайёҳони байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030 (ҳазор нафар)***

***Сарчашма**: Муаллиф тартиб додаст.

Барои муайян кардани вазъи кунунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усули стратегии SWOT – таҳлил интихоб карда шуд. Таҳлили SWOT имкон медиҳад, ки вазъи кунунии инфрасохтори иншооти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босифат баҳо дода шавад.

**Ҷадвали 2. – Нақшаи SWOT – таҳлили вазъи кунунии инфрасохтори иншооти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Ҷиҳатҳои қавӣ (S) | Ҷиҳатҳои заиф (W) |
|---|---|
| - сарватҳои ландшафтӣ ва рекреатсионӣ;<br>- бисёр растаниҳо ва ҳайвоноти ғайриоддӣ;<br>-лойи табобатӣ, обҳое, ки аз маъданҳои фоиданок бой мебошанд, барои муолиҷаи одамон имконият медиҳанд;<br>- ҳар як минтақаи Тоҷикистон мавсими худро дорад;<br>- гастрономия, ки аз дигар кишварҳо бо таваҷҷӯҳ ба таомҳои Осиё фарқ мекунад;<br>- посухгӯйӣ, хушҳолӣ, меҳрубонӣ, меҳмоннавозии мардуми тоҷик;<br>- ашёи фарҳанги ва таърихӣ бо наздик будан, асолати васеъ, асолати худ, ки на як ё ду, балки садхо фарҳангро ба ҳам мепайвандад, фарк мекунанд; | - чанд меҳмонхона ва пансионатҳои дараҷаи миёна;<br>- хизматрасонӣ суст ва шумораи ками хизматрасониҳо дар бахши бонкӣ;<br>- маркетинги нокифояи ҷойҳои сайёҳӣ;<br>- маҳдудиятҳои дастрасӣ ба интернет;<br>- нарасидани кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ (ками роҳбаладон, посбонҳо, кондукторҳо);<br>- технологияи нигоҳдории иншооти бостонии қадим вуҷуд надорад; |

| | |
|---|---|
| - давлат соҳаи сайёҳиро тавассути фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хусусӣ дастгирӣ менамояд<br>-санадхои меъёрии хукукӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд;<br>- чорабиниҳои оммавӣ бо мақсади рушд дар сатҳи байналмилалӣ гузаронида мешаванд<br>- ширкат ва мақомоте ҳастанд, ки дар рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузорӣ мекунанд<br>- сиёсат дар соҳаи сайёҳӣ рушди бомуваффақияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. | |
| **Имкониятхо (O)** | **Хатархо (T)** |
| - дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ гардонидани сайёҳон дар навъҳои гуногуни истироҳат шароит муҳайё аст.<br>- яке аз самтҳои муҳими рушд сайёҳии кӯҳӣ мебошад;<br>- дар ҷумҳурӣ барои ташкили намудҳои махсуси сайёҳӣ минтақаҳои васеъи релефи кухӣ ва захираҳои об мавҷуданд;<br>- рушди бахши сайёҳӣ имкон медиҳад, ки соҳаҳои вобаста ба он бевосита ё бавосита бо ин минтақа;<br>- шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд сармоягузорони эҳтимолии инфрасохтори Тоҷикистон бошанд;<br>- доираи васеи одамон ба таъриху маданияти Ҷумҳурӣ шавқу ҳавас пайдо карда, аз гум шудани хислату рангу бори кишвар худдорӣ мекунанд. | - мавзеъҳои асосии сайёҳӣ дар минтақаҳои баландкӯҳ ҷойгир шудаанд, ки дар онҳо инфрасохтори нақлиётиро инкишоф додан зарур аст;<br>- ҷумҳурӣ дар минтақаи аз ҷиҳати сейсмикӣ хавфнок ҷойгир аст;<br>- хатархое вуҷуд доранд, ки ба вазъи экологӣ таъсир мерасонанд, бо афзоиши шумораи сайёҳон<br>- имкони таъсир ба захираҳои табиӣ ва рекреатсионӣ вуҷуд дорад. |

***Сарчашма***: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар диссертатсия маълумотҳо оид ба рушди иншооти сайёҳӣ: ширкатҳои сайёҳӣ, саноати меҳмонхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо барои солҳои 2015-2019 оварда шудаанд.

Дар ҷамъбаст, захираҳои табиӣ ва сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, мавзеъҳои асосии сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тавсиф карда шудаанд. Ҷиҳатҳои қавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ таъкид шудаанд. Сегментатсия гузаронида шуда, самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили: рушди турҳои кӯҳӣ ва экстремалии сайёҳӣ, сайёҳии фарҳангию таърихӣ дар асоси ҳодиса, сайёҳии истироҳатгоҳӣ ва рекреатсионӣ таҳлил карда шуданд. Объектҳои асосии ҳар як самт тавсиф ва имкониятҳои муошироти байнифарҳангӣ ва байнишахсӣ нишон дода шудаанд. Ба сайёҳии экологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад, зеро он яке аз соҳаҳои тараққикардаи соҳаи сайёҳӣ буда, дар асоси захираҳои табиию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушддиҳии сайёҳии экологӣ зарур аст, зеро барои он шароити мусоид мавҷуд аст.

**Боби сеюм «Афзалиятҳо дар идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад. Дар он ҳадафҳо ва тадбирҳои асосӣ оид ба беҳтар намудани вазъи инфрасохтори сайёҳӣ, такмили низоми ташкили сайёҳии дохилӣ, таъмини хизматрасонии босифат дар муассисаҳои бевосита ё ғайримустақим ба сайёҳӣ муайян карда шуданд. Дар Стратегияи миллии рушди сайёҳӣ то соли 2030 тадбирҳо оид ба таъмини фаъолияти самараноки таблиғотӣ ва иттилоотӣ, тадбирҳои таъмини маблағгузории давлатӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаи сайёҳӣ, тадбирҳо оид ба таъмини ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба масъалаҳои сайёҳӣ андешида шуданд.

Вақтҳои охир моделҳо ва сенарияҳои мухталифи ноил шудан ба рушди устувор пайдо шуданд. Чунин сенарияҳои рушд маҷмуи ҷузъҳои рушди устувори соҳаи сайёҳиро дар бар мегиранд (расми 5).

| | |
|---|---|
| **Рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сайёҳӣ** | • рушди иҷтимоию иқтисодии сайёҳии минтақа барои афзоиши даромад, беҳбуди таҳсилот, ғизо ва тандурустӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, беҳбуди муҳити зист, баробарии имкониятҳо, тавсеаи озодии шахсӣ, ғанӣ гардонидани ҳаёти фарҳангӣ имтиёзҳо фароҳам меорад. |
| **Рушди экологӣ дар сайёҳӣ** | • ҷанбаи экологии рушди устувори сайёҳӣ ба принсипи мувофиқ кардани ниёзҳои мо бо имкониятҳои табиии биосфера – иқтидори интиқоли (экологии) он асос ёфтааст. |
| **Рушди устувори низоми экологӣ ва иқтисодӣ дар сайёҳӣ** | • низоми экологӣ ва иқтисодӣ барои мо ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва экологӣ бо истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ дар раванди истеҳсоли неъматҳои моддӣ бо мақсади рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии инсон тавсиф карда мешавад. |

**Расми 5. Сенарияҳои идоракунии рушди устувори сайёҳӣ***

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси аз назар гузаронии адабиётҳои илмӣ тартиб дода шудааст.

Дар асоси арзёбии стратегияҳои миллии рушди сайёҳӣ модели ичтимоию иқтисодии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ пешниҳод гардид. Хусусиятҳои асосии муайянкунандаи дараҷаи устувории модели идоракунии ичтимоию иқтисодии рушди устувори соҳаи сайёҳӣ муқаррар карда шуд (расми 6).




**Расми 6. Хусусиятҳои асосие, ки дараҷаи устувории модели ичтимоию иқтисодии рушди устувор дар соҳаи сайёҳиро муайян мекунанд***

***Сарчашма:*** Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Дар асоси пешгӯйии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2030 таҳияи модели рушд дар асоси нишондиҳандаҳои рушди ичтимоию иқтисодӣ (ҷадвали 3) тарҳрезӣ шуд, маълум гардид, ки ин модели рушд, хосияти устувор дорад ва аз ин рӯ барои рушди соҳаи сайёҳӣ  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оптималӣ мебошад (расми 7). Барои модели ичтимоию иқтисодии идоракунии рушди устувор дар соҳаи сайёҳӣ як қатор тадбирҳо пешниҳод карда шудааст.




**Расми 7. Суръати миёнаи афзоиши рушди устувор дар модели ичтимоию иқтисодии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023-2030)***

**Сарчашма:* Муаллиф тартиб додаст дар асоси ҷадвали 2.

**Ҷадвали 3. - Пешгӯии нишондиҳандаҳо ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар доираи модели иҷтимоию иқтисодии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2030 аз рӯйи коэффитсиентҳои дахлдор (афзоиш)***

| Нишондиҳандаҳо | соли 2022 | соли 2023 | соли 2024 | соли 2025 | соли 2026 | соли 2027 | соли 2028 | соли 2029 | соли 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Баҳо | 2023/ 2022 (бо %) | 2024/ 2023 (бо %) | 2025/ 2024 (бо %) | 2026/ 2025 (бо %) | 2027/ 2026 (бо %) | 2028/ 2027 (бо %) | 2029/ 2028 (бо %) | 2030/ 2029 (бо %) |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1.Аҳолии доимӣ (миёнаи солона) | 1 | 102 | 101,5 | 102,3 | 102 | 101,7 | 102 | 101,5 | 101,8 |
| 2.Шумораи сайёҳоне, ки ба кишвар меоянд (ҳазор нафар) | 1 | 130 | 107,7 | 107,2 | 113,33 | 117,7 | 110,00 | 109,1 | 108,3 |
| 3.ММД бо нархҳои пешбинишудаи солҳои дахлдор | 1 | 108,1 | 108,2 | 108,1 | 108,7 | 109,5 | 110,7 | 111,7 | 112,8 |
| 4.ММД ба ҳар сари аҳолӣ | 1 | 111,2 | 110,4 | 111,7 | 112,5 | 113 | 113,3 | 112,5 | 112,7 |
| 5.Саҳми сайёҳӣ дар ММД (бо %) | 1 | 125,00 | 114,29 | 112,50 | 111,11 | 130,00 | 115,4 | 106,7 | 106,3 |
| 6.Саҳми сайёҳӣ дар содирот (бо %) | 1 | 107,5 | 109,5 | 112 | 112,5 | 113,1 | 113 | 114,3 | 115 |
| 7.Ҳиссаи сармоя дар соҳаи сайёҳӣ дар комплекси сармоягузорӣ (бо %) | 1 | 102,8 | 103,8 | 105 | 105,8 | 106,6 | 107,8 | 108,7 | 110 |
| 8.Ҳиссаи сайёҳӣ дар даромади буҷети давлатӣ (бо %) | 1 | 101,8 | 101,4 | 101,6 | 101,8 | 103 | 103,5 | 103,50 | 103,0 |
| 9.Миқёси хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ (бо %) | 1 | 114 | 116 | 118 | 110 | 110 | 110 | 110 | 110 |
| 10.Интиқоли бор бо намудҳои мавҷудаи нақлиёт | 1 | 105,7 | 106,7 | 105,7 | 106,6 | 106,5 | 107 | 105,7 | 106,5 |
| 11.Шумораи субъектҳои хизматрасонии ба қайд гирифташуда дар соҳаи истироҳат ва табобат | 1 | 106 | 107 | 108 | 108,5 | 107,5 | 106 | 107 | 108 |
| 12.Интиқоли мусофирон бо навъҳои мавҷудаи нақлиёт | 1 | 107,1 | 108,1 | 107,4 | 108,2 | 108,5 | 108,1 | 108,2 | 108 |
| 13.Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ аз сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ | 1 | 110,4 | 113,1 | 112,1 | 111,5 | 112,5 | 112,9 | 112,4 | 112,5 |
| 14.Аз он ҷумла аз ҳисоби маблағҳои бюджет | 1 | 104,5 | 105,9 | 107,7 | 107,5 | 107,2 | 107,6 | 107,3 | 107,8 |
| 15.Сармоягузории хориҷӣ | 1 | 117 | 123,9 | 112 | 115 | 113 | 117 | 116 | 118 |

**Идомаи ҷадвали 3**

| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 16.Қабули донишҷуён ба муассисаҳои МОК аз ҳисоби манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ | 1 | 101,8 | 101,8 | 101 | 101 | 101,5 | 101,5 | 101,5 | 102 |
| 17.Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷет | 1 | 102,6 | 102,1 | 101 | 101 | 101 | 101 | 101 | 101 |
| 18.Қабули донишҷӯён ба МОК кишварҳои хориҷӣ | 1 | 126,7 | 106,7 | 101,2 | 102 | 102 | 102 | 102 | 102 |
| 19.Қабули довталабон ба муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ | 1 | 105,0 | 105 | 103 | 104,5 | 105 | 105,3 | 105,5 | 105,7 |
| 20.Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷет | 1 | 103,4 | 105 | 104,2 | 105,5 | 105,8 | 105,9 | 106 | 106,5 |
| 21.Қабули донишҷуён ба муассисаҳои ташкилотҳои ҷамъиятии ғайридавлатӣ | 1 | 106,7 | 110 | 103,1 | 102 | 101 | 101 | 101 | 101 |
| 22.Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷет | 1 | 108,7 | 110 | 102,4 | 102,5 | 102,3 | 102,8 | 102,6 | 102,5 |
| 23.Шумораи муассисаҳои тиббӣ | 1 | 100,6 | 100,5 | 102 | 102 | 102,5 | 103 | 104 | 104,5 |
| 24.Маблағгузории корҳои илмию конструкторӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ | 1 | 106,6 | 106,9 | 106,8 | 107 | 106,9 | 106,8 | 106,9 | 107 |
| 25.Бахши захираҳои инсонӣ | 1 | 101,7 | 101,7 | 101,8 | 101,8 | 101,9 | 101,9 | 102 | 102 |
| 26.Шуғли аҳолӣ | 1 | 101,1 | 101,1 | 101,8 | 101,8 | 102 | 101,8 | 102 | 101,9 |
| 27.Шуғл аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ (бо %) | 1 | 111,1 | 112,9 | 115,3 | 118,1 | 121,5 | 125,6 | 129,4 | 134,4 |

***Сарчашма:*** Муаллиф дар асоси пешгӯйии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тартиб додааст.

Бояд гуфт, ки нишондиҳандаҳои пешбинишаванда аз лиҳози ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои ноилшавӣ ба рушди устувори соҳаи сайёҳӣ собит мебошанд.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомёфта маълум шуд, ки консепсияи "рушди устувор" дар соҳаи сайеҳӣ ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Ин масъалаҳо зимни ташаккулдиҳии стратегияи рушди устувор дар сайеҳӣ калидӣ ба шумор меравнд.

Дар асоси таҳқиқот як қатор ҷанбаҳои ташкилӣ, ки ба такмили низоми идоракунии дастгирии давлатии рушди устувор дар соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудаанд, пешниҳод карда шуданд.

## I. ХУЛОСА ВА ТАКЛИФҲОИ АСОСӢ ДАР ОН

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Тариқи ҷамъбасти таърифҳои илмӣ, фарзияи пешниҳодгашта ва таҳлили адабиёти илмӣ таърифи муаллифии мафҳуми «рушди устувори» сайёҳӣ дар ифодаи зерин пешниҳод шудаст: «идоракунии рушди устувори сайёҳӣ бо назардошти омилҳои экологӣ ва ҷалби мақомоти маҳаллӣ дар таҳияи принсипҳои рушди устувори сайёҳӣ», ба манфиати ҷомеаи маҳаллӣ, ки дар ниҳоят бояд ҳифзи захираҳои табииро таъмин намояд ва манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии маҳаллӣ зимни воридшавии сайёҳон мутобиқи стандарти дахлдори байналмилалӣ **[1-М, 15-М].**

2. Зарурати идоракунии давлатии консепсияи «рушди устувори сайёҳӣ» ниҳоят равшан аст. Фоидае, ки он ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба иқтисодиёти давлат ва тамоми минтақаҳо меорад, бешубҳа аст. Бо вуҷуди ин, консепсияи идоракунии рушди устувор дар кишварҳои рӯбатараққӣ ҷанбаҳои мусбату манфӣ, инчунин хусусиятҳои беназири худро дорад, аз қабили дарёфти мувозинат байни омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ. Қобили зикр аст, ки мақомоти маҳаллӣ дар таъмини идоракунӣ ва татбиқи консепсияи идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар минтақаҳо нақши ҳалкунанда доранд **[2-М, 11-М, 12-М]** .

3. Маҳсулоти сайёҳии миллиро ба вуҷуд оварда, муҳаққиқон, аз ҷумла муаллиф ба хулосае омаданд, ки Тоҷикистон тамоми захираҳоро дорад, ки ҷумҳурӣ ҳамчун макони истироҳати фаъолона тарғиб гардад. Соҳаи сайёҳӣ ва иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, маълум гардид, ки афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои асосӣ барои солҳои 2018-2022, инчунин афзоиши шумораи иншооти сайёҳии вобаста ба бахши сайёҳӣ зиёд ба назар мерасад. Аз ин рӯ, таъкид гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои сайёҳии кӯҳӣ ва экстремалӣ, сайёҳии рӯйдодию фарҳангӣ-таърихӣ, сайёҳии истироҳатгоҳию рекреатсионӣ фаъолона инкишоф дода шаванд **[3-М].**

4. Яке аз самтҳои муҳими идоракунии рушди устувор рушди турҳои кӯҳӣ ва экстремалии сайёҳӣ, сайёҳии рӯйдодӣ ва фарҳангию таърихӣ, сайёҳии курортӣ ва рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сайёҳии экологӣ

ҳамчун омили рушди тарғиби идеяҳо ва усулҳои муҳофизати табиати Ҷумҳурӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки муваффақияти рушди сайёҳии экологӣ бо захираҳои табиӣ ва таҷрибаи бойи таърихии кишвар, ки барои ба сатҳи муосири рушд ноил гаштани кишар мусоидат менамояд, алоқаманд аст. Ба туфайли ин имконият барои қонеъ кардани талаботи сайеҳон ба истироҳати фаъол ва чорабиниҳои варзишӣ фароҳам оварда шуд **[5-М, 8-М, 10-М]** .

5. Таъсири бештареро дар диссертатсия омӯзиши «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дорад. Паёми асосии он ғояи ҷорӣ намудани принсипҳои идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар давлат мебошад, ки ба туфайли як қатор омилҳое, ки муаллиф дар таҳқиқот ба таври муфассал баён кардааст, имконпазир аст **[4-М, 13-М]** .

6. Дар асоси баррасии адабиёти илмӣ се модели рушди устувори сайёҳӣ таҳия шудааст: модели иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ ва иқтисодию экологӣ.

Нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои асосии модели иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда шудаанд. Дар асоси пешгӯии Вазорати молияи Ҷумҳурӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ модели иҷтимоию иктисодии идоракунии рушди устувор пешниҳод гардид;

- сенарияи намунавӣ дар асоси нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушд таҳия карда шуд;

- маълум шуд, ки ин модели мазкури рушд афзоиши босубот дорад.

Дар асоси ин барои такмил додани идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар шароити кунунӣ як қатор тадбирҳои ташкилӣ андешида шуданд. Ҳамаи ин меъёрҳо барои омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, ки имкон медиҳад низоми дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ дар заминаи иҷтимоию иқтисодӣ такмил дода шавад **[6-М].**

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои кор**

- такмили тамоми шаклу намудҳои инфрасохторе, ки ба рушди сайёҳӣ (роҳҳо, наклиёт, тарабхонаҳо, мехмонхонаҳо, тандурустӣ, маориф, таъминоти иттилоотӣ ва ғайра) дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд;

- таҳияи стратегияи маркетингӣ, ки бартариҳои рақобатии Тоҷикистонро дар рушди соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад (банақшагирӣ, таблиғ, таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ);

- мониторинг ва ҷорӣ намудани коркардҳои инноватсионӣ, истифодаи таҷҳизоти босифат, доруворӣ дар соҳаи тандурустӣ ва амсоли инҳо ҳангоми пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ;

- ҳавасмандгардонии фаъолияти субъектҳои маҳаллӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи таъмини маҳсулоти сайёҳӣ;

- ҷорӣ намудани ботадбири имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои сайёҳӣ, инчунин дар иншооти инфрасохтори он;

- васеъ намудани доираи инфрасохтори тафреҳӣ дар Тоҷикистон (кинотеатрҳо, толорҳо, тарабхонаҳо ва дигар марказҳои фароғатӣ), ки ба

афзоиши сафари сайёҳӣ ба Тоҷикистон мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки сайёҳон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷойгир карда шаванд;

- рушди аҳамияти фарҳангӣ дар сайёҳӣ, зеро барномаи рангини маҳаллию фарҳангӣ ва истироҳат дар Тоҷикистон ба ҷалби таваҷҷуҳи субъектҳо ба тамошои мавзеъҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад;

- ташкили рекламаи самарабахши маҳсулоти сайёҳӣ, мутобиқ кардани он ба хусусиятҳои ҳар як минтақа, ниёзҳои сайёҳони эҳтимолӣ;

- ҳавасмандгардонии рушди сайёҳии дохилӣ, пешбурди меҳмоннавозӣ, ки дар консепсияҳои маҳаллии рушди сайёҳӣ ва кишвар пешбинӣ шудаанд, сарфи назар аз ягон омили иҷтимоӣ. Ташкили барномаи рушди сайёҳии дохилӣ аз ҷониби мақомоти давлатию сохторҳои хусусӣ;

- пешниҳоди омадурафти имтиёзнок барои сайёҳон ба Тоҷикистон дар асоси самтҳои афзалиятнок ва дараҷаи сайёҳон, андешидани чораҳои дигар. Дар дурнамо ташкилотчиёни ҷумҳуриявии боркашонӣ хатсайрҳои муқарририро сарфа намуда, зимнан хизматрасониро бе талафи сифат анҷом диҳанд;

- таъмини ҳамкории макотиби олӣ, давлат ва бахши хусусии сайёҳӣ бо мақсади омӯзиши рақобатпазирии самтҳои сайёҳӣ, ки дар дурнамои дарозмуддат фоида меорад;

- гузаронидани таҳлили даврии бозори сайёҳӣ бо мақсади ворид намудани ислоҳот ба Барномаҳо ва Стратегияҳои дахлдор;

- дастгирии тиҷорати сайёҳӣ, ки консепсияи рушди устуворро фаъолона истифода мебарад. Талаботи махсус барои устувории дарозмуддати иқтисодӣ пешгирӣ аз фарҳанги вобастагӣ ба кӯмак мебошад;

- ҷорӣ намудани чораҳои иловагӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунии экологӣ тавассути зиёд намудани ҷарима ва истифодаи ин маблағҳо ба мақсади рушди устувор;

- хизматрасонии босифат ба сайёҳон, ки фоида ва даромаднокии ташкилотҳои дар соҳаи сайёҳӣ ба соҳибкорӣ машғулбударо зиёд мекунад;

- таҳлили таҷрибаи ғуншуда ва муқоисаи он бо натиҷаҳои нав аз рӯйи барномаҳои дар соҳаҳои гуногуни «бахшҳои» барномаю стратегияҳо бадастомада бо мақсади олитарини ноилшавӣ ба рушди иқтисодиёти давлат.

Дар маҷмуъ, сайёҳӣ барои Тоҷикистон ниҳоят мубрам буда, татбиқи тавсияҳои дар боло зикршуда дар соҳаи сайёҳӣ ба рушди иқтисодиёт, беҳбуди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

## РУЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М]. Сахибов Е.Н.** Основные формы и системы государственной поддержки устойчивого развития сферы туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 1. – С. 16-23.

**[2-М]. Сахибов Е.Н.** Современное состояние и развитие туризма в республике Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Журнал «Таджикистан и современный мир». –2021. – № 2 (74)- С.181-191.

**[3-М]. Сахибов Е.Н.** Теоретические и практические основы формирования устойчивого развития туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 130-137

**[4-М]. Сахибов Е.Н.** Формирование механизмов устойчивого развития туризма в условиях рынка на основе национальных стратегий Республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2021– № 6 –С. 140-149.

**[5-М]. Сахибов Е.Н.** Анализ основных направлений государственной поддержки туристической отрасли в Республике Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Журнал “Экономика Таджикистана”. – 2021 – № 4 – С.121-128

**[6-М]. Сахибов Е.Н.** Совершенствование управления социально-экономической модели устойчивым развитием туризма [Текст] / Е.Н. Сахибов // Журнал” Экономика Таджикистана”. 2022 г. – № 4-1 С.111-115

**Дар дигар маҷалаҳо:**

**[7-М]. Сахибов Е.Н.** Туристский потенциал Таджикского участка Великого Шёлково пути [Текст] / Е.Н. Сахибов, Д.А. Давлатзода // Казахский Национальный Педагогический Университет Имени Абая Университет Джорджа Вашингтона Международный Исследовательский институт Туризма Акимат г. Алмата, Управление Туризма г. Алмата Материалы 1 Международной научно-практической конференции «Тенденции и перспективы развития туризма в Казахстане и центральной Азии» 14-15 марта 2019 г. ISBN 978-601-298-808-6 г.Алмата - 2019 г. С.338-341

**[8-М]. Сахибов Е.Н.** Становление и развитие теоретико-методологических основ устойчивого развития сфер экономики в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов // Материалы Международной научно-практической конференции “Использование современных методов управления в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан” Душанбе: РТСУ. — 26 ноября 2020 г. — С.305-307

**[9-М]. Сахибов Е.Н.** Анализ туристических ресурсов республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // В сборнике: Современная наука: актуальные вопросы, достижения и инновации. Сборник статей XXI Международной научно-практической конференции. Пенза, 2021. С. 287-293.

**[10-М]. Сахибов Е.Н.** Основные направления повышенной привлекательности в туристической отрасли Республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Сборник материалов IV международной научно-практической конференции «Развитие науки и практики в глобально меняющемся мире в условиях рисков» (шифр –МКРНП) 10 мая 2021г., г. Москва С.104-112

**[11-М]. Сахибов Е.Н.** Основные формы и системы государственной поддержки устойчивого развития в Республики Таджикистан [Текст] / Е.Н. Сахибов // Туризм как важный элемент устойчивого развития Таджикистана.

Республиканская научно-практическая конференция Российско-таджикский (славянский) университет г. Душанбе – 26 ноября 2021 г. – С. 152-158.

**[12-М]. Сахибов Е.Н.** Основные аспекты устойчивого развития туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов // Актуальные научные исследования: сборник статей III Международной научно-практической конференции. В 2 частях, Пенза, 05 декабря 2021 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2021. – С. 59-61.

**[13-М]. Сахибов Е.Н.** Основные аспекты стратегии развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года [Текст] / Е.Н. Сахибов // Избранные вопросы науки XXI века: Сборник научных статей. – Москва: Издательство "Перо", 2021. – С. 70-73.

**[14-М]. Сахибов Е.Н.** Туризм в мировой и национальной экономике [Текст] / Е.Н. Сахибов // Финансово-кредитные и инвестиционные инструменты управления экономикой Таджикистана в условиях инновационного развития: Сборник научных статей. – г. Душанбе: Российско-Таджикский (Славянский) Университет – 2021 г. С.252-257

**[15-М]. Сахибов Е.Н.** Основные формы и системы совершенствования государственного управления устойчивым развитием туризма в условиях рынка [Текст] / Е.Н. Сахибов // Туризм и рекреация: инновации и ГИС-технологии : Материалы XIV Международной научно-практической конференции, Астрахань, 27–28 мая 2022 года / Составители: И.С. Шарова, Г.В. Крыжновская, М.М. Иолин. – Астрахань: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Астраханский государственный университет», 2022. – С. 88-92. – EDN RCULFC.

# АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертации Сахибова Евгения Нуруллоевича на тему «Совершенствование управления устойчивым развитием туризма (на материалах Республики Таджикистан)» на соискания ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.10 – Менеджмент, маркетинг и ценообразование (менеджмент)

**Ключевые слова:** управление, туристическая отрасль, устойчивое развитие, устойчивое развития туризма, местные органы власти, туристические объекты, экотуризм, горный туризм, природно-ресурсный потенциал, совершенствование, планирование, социально экономическое развитие.

**Актуальность темы.** В последние десятилетия Республика Таджикистан активно развивает туристическую отрасль, и государство оказывает всестороннюю поддержку в развитии данной отрасли.

**Цели и задачи исследования.** Целью научного исследования является разработка научно-практических рекомендаций по совершенствованию управления устойчивого развития туризма в Республике Таджикистан.

**Объектом исследования:** являются совокупность экономических и организационно-управленческих отношений, возникающих в процессе управления устойчивым развитием туризма.

**Предметом исследования:** система и механизмы совершенствования управления устойчивым развитием туризма в современных условиях.

**Методы исследования.** В ходе выполнения диссертационного исследования применялись методы экономического анализа и синтеза, международных сравнительных оценок, динамического и сравнительного анализа статистических данных, а также сценарного моделирования

**Научная новизна диссертации:**

1. Систематизированы теоретические концепции «устойчивого развития» с позиции микро, макро и мезо уровня, на основе чего предложен авторский подход к раскрытию сущности устойчивого развития туризма. 2. Обоснована необходимость активного участия государства в разработке и реализации принципов управления устойчивым развитием туризма. 3. Доказаны тенденции роста туристического потенциала Таджикистана на базе критериев. 4. Обоснованы конкурентные преимущества Таджикистана в аспекте устойчивого развития туризма. 5. Доказано, что основой управления устойчивым развитием туризма является всесторонняя государственная поддержка. 6. Предложены наиболее приоритетные механизмы в модернизации управления устойчивым развитием туризма на перспективу.7. Разработаны меры по совершенствованию управления устойчивым развитием туризма.

**Степень использования**: рекомендации по совершенствованию управления устойчивым развитием туризма были внедрены в практическую деятельность ООО «Центр туризма и оздоровления».

**Область применения:** формирование модели управления устойчивым развитием туризма, совершенствование управления туристической отраслью.

# АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Сахибов Евгений Нуруллоевич дар мавзуи "Такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ" (дар заминаи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, соҳаи сайёҳӣ, рушди устувор, рушди устувори сайёҳӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, объектҳои сайёҳӣ, экотуризм, сайёҳии куҳӣ, иқтидори захираҳои табиӣ, такмилёбӣ, банақшагирӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**Мубрамияти мавзуъ.** Дар даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ фаъолона рушд ёфта, давлат барои рушди ин соҳа дастгирии ҳамаҷониба мерасонад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба беҳтар намудани идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Объекти таҳқиқот:** маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилию идоракунӣ мебошанд, ки дар раванди идоракунии рушди устувори сайёҳӣ ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот:** низом ва механизмҳои такмили идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар шароити муосир.

**Усулҳои тадқиқот.** Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлил ва синтези иқтисодӣ, арзёбии муқоисавии байналмилалӣ, таҳлили динамикӣ ва муқоисавии маълумотҳои оморӣ, инчунин моделсозии сенариявӣ истифода шудаанд.

**Нововарии илмии рисола:**

1. Мафҳумҳои назариявии «рушди устувор» аз нуқтаи назари сатҳҳои микро, макро ва мезо ба низом даровардa шудаанд, ки дар асоси онҳо муаллиф ба ошкор намудани моҳияти рушди устувори сайёҳӣ таклифҳо пешниҳод кардааст. 2. Зарурати иштироки фаъолонаи давлат дар таҳия ва татбиқи принсипҳои идоракунии рушди устувори сайёҳӣ асоснок карда мешавад. 3. Тамоюли собитшудаи афзоиши иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳо тасдиқ карда шуд. 4. Бартариҳои рақобати Тоҷикистон дар соҳаи рушди устувори сайёҳӣ асоснок гардид. 5. Исбот шудааст, ки асоси идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ мебошад. 6. Механизмҳои афзалиятноки навсозии идоракунии рушди устувори сайёҳӣ барои оянда пешниҳод карда мешаванд. 7. Барои такмил додани идоракунии рушди устувори сайёҳӣ тадбирҳо таҳия карда шуданд.

**Дараҷаи истифодаёбӣ**: тавсияҳо оид ба беҳтар намудани идоракунии рушди устувори сайёҳӣ дар фаъолияти амалии ҶДММ "Маркази сайёҳӣ ва барқарорсозӣ" амалӣ карда шуданд.

**Соҳаи татбиқшавӣ:** ташаккули модели идоракунии рушди устувори сайёҳӣ, такмил додани идоракунии саноати сайёҳӣ.

## ANNOTATION

on the dissertation abstract of Sakhibov Evgeniy Nurulloevich on "Improvement of the tourism sustainable development (based on the Republic of Tajikistan materials)" for a candidate of economic sciences competition on specialty 08.00.10 - "Management, marketing and pricing (management)"

**Keywords:** management, tourist industry, sustainable development, sustainable tourism development, local authorities, tourist objects, ecotourism, mountain tourism, natural resource potential, improvement, planning, socio-economic development.

**The topic relevance.** In recent decades, the Republic of Tajikistan has been actively developing the tourism industry, and the government provides comprehensive support for the development of this industry.

**Aims and objectives of the research.** The purpose of this scientific research is to develop scientifically practical recommendations to improve the management of sustainable tourism development in the Republic of Tajikistan.

**The object of the research:** they are a set of organizational and managerial economic relations arising in the process of the sustainable tourism development management.

**The subject of research:** the system and mechanisms of the sustainable tourism development management improvement in modern conditions.

**Research Methods.** During the dissertation research methods of economic analysis and synthesis, international comparative evaluations, dynamic and comparative analysis of statistical data, as well as scenario modeling were used

**The dissertation scientific novelty:**

1. The sustainable development theoretical concepts from the position of micro, macro and meso levels are systematized, on the basis of which the author's approach for disclosing the essence of sustainable development of tourism is proposed. 2. The necessity of active participation of the country's government in working out and realization of principles of management of sustainable development of tourism is proved. 3. The tendencies of the tourist potential growth of Tajikistan on the basis of certain criterias are proved. 4. The competitive advantages of Tajikistan in the aspect of sustainable tourism development are substantiated. 5. It is proved that the basis for the tourism sustainable development management is a comprehensive governmental support. 6. The most priority mechanisms in the modernization of sustainable tourism development management for the future were proposed. 7. The measures to improve the sustainable tourism development management have been developed.

**The results usage degree:** The recommendations for improving the sustainable tourism development management have been implemented in the practical activities of the LLC "Center for Tourism and Recreation".

**The scope of results application:** the management model formation for the sustainable tourism development. As well as the improvement of tourism industry management.